**аз 12.01.2023, №1-Ф**

Дар бораи индексатсия ва муқаррар кардани меъёри андоз барои патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус

070.010.000

Мутобиқи банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 «Дар бораи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Меъёри андоз ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ тибқи патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус (андози даромад ва андози иҷтимоӣ) дар соли 2023 бо дар назар доштани сатҳи таваррум аз рӯйи натиҷаи соли 2022 дар ҳаҷми 4,2 фоиз индексатсия карда шавад.

2. Меъёри андоз барои патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1 ва 2).

3. Фармоиши мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа гардида, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

4. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯйӣ намояд.

6. Фармоиши якҷояи раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2021, №2-ф ва вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2021, №12 «Оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2021, №735 «ғ» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Мувофиқа шуд
вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
________Файзиддин Қаҳҳорзода
аз « 12 » январи соли 2023

Замимаи 1
фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 12 » январи соли 2023, №1-Ф
тасдиқ шудааст

## Индексатсияи меъёри андоз барои патент

(сомонӣ дар як моҳ)

| № | Намуди фаъолият | Андоз аз даромад | Андози иҷтимоӣ | Маблағи патент |
|---|---|---|---|---|
| 1. Хизматрасонии нақлиётӣ | | | | |
| 1. | Кашонидани мусофирон ба воситаи нақлиёти автомобилии сабукрав, аз ҷумла: | | | |
| | - барои воситаҳои нақлиёти шахсӣ | 91,7 | 45,8 | 137,5 |
| | - барои воситаҳои нақлиёти иҷоравӣ | 83,4 | 31,3 | 114,6 |
| 2. | Кашонидани мусофирон ба воситаи микроавтобусҳо, аз ҷумла: | | | |
| | - барои воситаҳои нақлиёти шахсӣ | 151,1 | 78,2 | 229,2 |
| | - барои воситаҳои нақлиётӣ иҷоравӣ | 104,2 | 52,1 | 156,3 |
| 3. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш то 5 тонна, эвакуатор ва манипуляторҳо | 156,3 | 52,1 | 208,4 |
| 4. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 5 то 10 тонна | 187,6 | 62,5 | 250,1 |
| 5. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 10 то 20 тонна | 260,5 | 104,2 | 364,7 |
| 6. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 20 то 40 тонна | 625,2 | 125,0 | 750,2 |
| 7. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш зиёда аз то 40 тонна | 708,6 | 156,3 | 864,9 |
| 8. | Хизматрасонии экскаватор ва автокранҳои борбардор (ба | 303,2 | 153,2 | 456,4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | истиснои кранҳои маноравии барқӣ) | | | |
| 9. | Кашонидани борҳо бо трактор ва мотороллерҳо | 62,5 | 20,8 | 83,4 |
| 10. | Шудгор ва коркарди замин бо техникаи кишоварзӣ ва комбайнҳо | 153,2 | 76,1 | 229,2 |
| 2. Дигар намуди хизматрасонӣ | | | | |
| 11. | Фаъолияти дӯзандагӣ (барои як дастгоҳ) | 104,2 | 52,1 | 156,3 |
| 12. | Хизматрасониҳои сартарошӣ ва ороиши ҳусн (барои як курсӣ) (ба истиснои хизматрасонии визажистӣ, ҷарроҳии пластикӣ ва ташкили студияҳои ороишӣ) | 124,0 | 61,5 | 185,5 |
| 13. | Хизматрасониҳои сантехникӣ, электрикӣ, аз ҷумла насбу васли асбобҳои барқӣ ва хизматрасониҳои дигар вобаста ба ороишоти воситаҳои нақлиёт | 104,2 | 52,1 | 156,3 |
| 14. | Таъмири чархҳо дар ҷойҳои махсусгардонидашуда | 177,1 | 83,4 | 260,5 |
| 15. | Насб ва таъмири антеннаҳои маҳворавӣ (ба истиснои корҳои таъмирии антеннаҳои маҳворавии ширкатҳои мобилӣ), таъмири телефон, соат, ҷавоҳирот, техникаи маишӣ ва дигар молҳои рӯзғор | 91,7 | 45,8 | 137,5 |
| 16. | Хизматрасонӣ оид ба тез кардани корд, тайёр намудани калид ва микросхема (чипҳо) | 62,5 | 31,3 | 93,8 |
| 17. | Нусхагирии ҳуҷҷатҳо, сабти мусиқӣ дар телефони мобилӣ ва барномарезии он | 177,1 | 93,8 | 270,9 |
| 18. | Ҳоҷатхонаи ҷамъиятии музднок | 177,1 | 93,8 | 270,9 |

Эзоҳ: Андозҳо барои пардохти патент ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд (ба истиснои шаҳрвандоне, ки мақоми гурезагӣ доранд) ба андозаи дукарата аз рӯйи ҳамон намуди фаъолияте, ки онҳо истифода мебаранд, пардохт карда мешаванд.